«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав, доктори
илмҳои иқтисодӣ, профессор
____________ Қурбонзода М.Р.
«____» марти соли 2025

**ТАҚРИЗИ**

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Қурбонзода Рудобаи Исмоил дар мавзуи «Ономастикаи «Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ (ҷанбаи сохторию маъноӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ)**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илм.** Диссертатсияи Қурбонзода Рудобаи Исмоил дар мавзуи «Ономастикаи «Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ (ҷанбаи сохторию маъноӣ) ба шиносномаи ихтисоси илмии 6D020502 – Забони тоҷикӣ мувофиқат мекунад.

Ономастика як бахши илми забоншиносӣ буда, бо соҳаҳои риштаи филологӣ, вожашиносии таърихӣ, шевашиносии таърихӣ, фарҳангҳои соҳавӣ, луғатҳои номшиносӣ, ҷомеашиносӣ, ҷуғрофиё ва дигар самтҳои илмҳои гуманитарӣ низ рабт дорад ва дар муайян намудани мафҳумҳои гуногуни марбут ба ҷомеаи этникӣ, қавму миллатҳо, гурӯҳҳои иҷтимоии аҳолӣ, худшиносии миллӣ ва худогоҳии шахс саҳм дорад.

«Таърихи Бухоро», ки бештар бо номи «Таърихи Наршахӣ» машҳур аст, дар радифи асарҳое шомил мегардад, ки аз таърихи шаҳрҳои алоҳида қисса мекунад ва мансуб ба асри IX мебошад. Воқеан, «Таърихи Бухоро» яке аз сарчашмаҳои арзишманди таърихӣ маҳсуб ёфта, он воқеаҳои аз замони Хилофати араб то замони Сомониёнро фаро мегирад. Зикр мегардад, ки аввалин бор «Таърихи Бухоро» бо забони арабӣ (тахминан солҳои 948-949) навишта шуда, якчанд маротиба таҳриру бозбинӣ гардидааст. Абунасри

Аҳмад ибни Муҳаммади Қубовӣ – адиб, тарҷумон ва таърихнигори форс-тоҷик соли 1128 «Таърихи Бухоро»-ро ба форсӣ баргардон намудааст. Баъдан аз ҷониби Муҳаммад ибни Зуфар ин асар таҳрир ва бори охир дар асри XIII нашр гардидааст.

Дар «Таърихи Бухоро», асосан, дар бораи воқеаҳои муҳимми таърихӣ, ривоҷи корҳои ободонӣ дар Бухоро, шикору моҳидорӣ, кишоварзӣ, бунёди деҳаҳои бостонӣ, мисли Нумиҷкат, Пойканд, Афшона, Варахша, Ромитон, Вардона то ободии шаҳри Бухоро қисса мекунад. Доир ба зуҳури хилофати араб дар Осиёи Миёна, густариши дини Ислом, оташпарастӣ ва ҳаёти фарҳангии вобаста ба он, ҷунбиши Муқаннаъ – «Либосҳои сафед», идораи давлат дар замони Сомониён ва биноҳои маданӣ, дар бораи ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Бухоро, махсусан, дар бораи муносибатҳои пулӣ, низоми ситонидани андоз маълумот ҷой дорад.

Тайи солҳои охир пажуҳишҳои илмӣ-таҳқиқотии ҷойномҳои маҳалҳои мухталифи кишвар ва чанде аз асарҳои таърихӣ, адабӣ ва осори олимону нависандагон ва адибон анҷом дода шуданд, лекин дар таърихи номшиносии тоҷик асари таърихии арзишманд, ки маводи ономастикаи он нахустин бор мавриди пажуҳишу баррасии васеи забоншиносӣ қарор гирифтааст, «Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаб дар ҳалли масъалаҳои илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳаммияти он.** Масъалагузориҳои мушаххаси илмӣ, таъйиди мубрамияти мавзуъ, масоили мавриди таҳқиқ, навгониҳо ва сарчашмаҳои пажуҳиш, аҳаммияти назарию амалии он, инчунин, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, хулосаю натиҷагириҳои муҳаққиқ, дар маҷмуъ, саҳми шахсии ӯро нишон медиҳанд. Инчунин, омӯзиши диду назарҳои муҳаққиқони ватанию хориҷӣ дар робита ба мавзуи мавриди таҳқиқ, нашри мақолаю гузоришҳои илмӣ, монография дар робита ба мавзуи диссертатсияро ҳам метавон саҳми шахсии диссертант маҳсуб кард. Диссертант дар танзими равишҳои илмии ҳалли масъалаҳои дар

диссертатсия ба миён гузошташуда аз методҳои таҳқиқоти сохторӣ, синхронӣ, диахронӣ, тасвирӣ-таҳлилӣ бо истифода аз имконоти усулҳои муқоисавӣ-таърихӣ ва дар мавридҳои зарурӣ аз методи квантитативӣ (*миқдорӣ, оморӣ*) босамар истифода намудааст.

Тибқи андешаи диссертант ономастикаи «Таърихи Бухоро», ки ба қабатҳои мухталифу серпаҳнои номбаршаванда тасниф гардидаанд, дорои зарфияти ғании забонӣ буда, дар худ маъноҳои фаровони таърихӣ, адабӣ, ҷуғрофӣ, этнографӣ, фарҳангӣ, устуравӣ, динӣ ва ғайра мебошанд. Дар тули мавҷудият ва рушду инкишофи забон бори нахуст номҳои хоси ин асари гаронарзиши таърихӣ-«Таърихи Бухоро», ки таърихи тулонӣ дораду то ҳол омӯхта нашудааст, мавриди таҳқиқу таҳлили ҳамаҷонибаи забоншиносӣ қарор мегирад. Аз ин дидгоҳ бори нахуст қабати ономастикаи «Таърихи Бухоро» ҷамъоварӣ ва тасниф гардида, мавриди омӯзиш, баррасӣ ва таҳқиқи пурраи таърихӣ-забоншиносӣ қарор дода шудааст.

Дар маҷмуъ, метавон таъкид кард, ки дар диссретатсия Қурбонзода Рудобаи Исмоил як қатор масъалаҳои марбути ономастикаи «Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ ба таври муназзаму мантиқӣ дар бобу фаслҳои диссертатсия дастабандӣ ва баррасӣ мешаванд. Махсусан, омӯзишу таҷзияи ономастикаи асар, аз ҷумла муайян ва таҳлили навъҳои асосии маъноӣ, қолибҳои сохторӣ ва қабатҳои забонии топонимияву антропонимия, хрематонимия, этнонимия, номҳои алоҳидаи асар дар мисоли номҳои ҷанг, сура, дин ва истилоҳоти ҷуғрофию маъмурӣ, ки дар ин ёдгории таърихӣ истеъмол гардидаанд, қолиби таваҷҷуҳ мебошанд.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳаммияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.** Навгонии илмии таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки бори аввал маводи ономастикаи «Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ мавриди пажуҳиш ва баррасии таърихию забоншиносӣ қарор мегирад. Натиҷаи омӯзишу пажуҳиш, таснифот ва баррасиву таҷзияи қабати

ономастикаи асар навгониҳои зиёдеро рӯйи кор овард, ки дар рушду ташаккули забоншиносии тоҷик таъсири мусбат мерасонад.

**Аҳаммияти назарӣ ва амалии** кори таҳқиқии Қурбонзода Рудобаи Исмоил дар он зоҳир мегардад, ки маҳз ёрмандии ҳамин пажуҳиш ва омӯзиши номҳои «Таърихи Бухоро» вазъи феълии рушди забони форсӣ-тоҷикиро дар давраҳои мухталиф, махсусан ҳуҷумҳои таърихӣ, ки зарбаҳои муҳлик ба пайкари забони форсӣ-тоҷикӣ зада шуда буд, то андозае возеҳ месозад.

Натиҷаҳои амалии бадастомада дар таҳияи номномаҳо, фарҳангу луғатномаҳои номшиносӣ, фарҳангномаҳои соҳавӣ, таҳия ва коркарди дастурҳои таълимию китобҳои дарсии мансуб ба таърихи забон, хондани курсу семинари махсус ва ҳамоишҳои илмӣ оид ба масъалаҳои номшиносӣ дар гурӯҳи ихтисосҳои равияҳои гуманитарӣ, махсусан, риштаи филологӣ, ҷуғрофия, сотсиология, таърих, фарҳангшиносӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мусоидат хоҳанд кард. Натиҷаҳои таҳқиқ ва маълумоти он метавонад, зимни омӯзиш ва таҳқиқи вожашиносии таърихӣ, таърихи забон, шевашиносии таърихӣ ҳангоми тартиб додани луғатҳои номшиносӣ ва чандзабона, номномаҳо, зимни хондани курсҳои махсус ва машғулиятҳо оид ба масъалаҳои номшиносӣ дар макотиби олии кишвар истифода гардад.

Диссертатсияи Қурбонзода Рудобаи Исмоил аз муқаддима, се боб, зербобҳо, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, феҳристи адабиёти истифодашуда ва замима иборат мебошад.

**Дар муқаддимаи** диссертатсия муҳиммияти мавзуи таҳқиқ асоснок гаштааст, дараҷаи омӯзиш, ҳадаф, вазифаҳо, объект, предмети таҳқиқ муайян гардида, навгониҳои илмӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда нишон дода шуда, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ ва ғайра ба таври муфассал пешниҳод шудаанд.

**Боби якуми диссертатсия ««Таърихи Бухоро» ва омӯзиши назариявии ономастикаи он»** ном дошта, фарогири 2 фаслу 6 зерфасл аст.

Фасли якуми боби якум «Наршахӣ ва «Таърихи Бухоро»-и ӯ» ном дорад. Чунон ки диссертант ишора менамояд, далели «Таърихи Бухоро» ном гирифтани асар дар он аст, ки Бухоро замони ҳукмронии сулолаи Сомониён маркази асосии ҳудуди Моварoуннаҳру Хуросон маҳсуб мeёфт. Дар баъзе сарчашмаҳои таърихӣ ҳамчун «Давлати Бухоро» зикр ёфтааст. Арзиши дигари ин шоҳкорӣ дар он аст, ки маълумоти таърихии ҳаводиси тоисломии Бухоро ва мавзеъҳои ҷуғрофии он зикр ёфтааст.

Фасли дуюми боби якум «Чандомади маводи ономастикаи асар» ном дорад. Дар ин фасл антропонимия, топонимия, номи китобҳо, гидронимия, номҳои омехта тасниф гардидаанд. Диссертант равшан намудааст, ки антропонимияи «Таърихи Бухоро» аз лиҳози теъдод дар мақоми аввал меистад. Топонимияи асар нисбат ба антропонимия аз лиҳози теъдодашон дар мақоми дуюм меистад. Ин қабати маводи ономастикаи асар низ мухталиф мебошанд.

Дар «Таърихи Бухоро» дар қабати ономастикаи асар 116 номи китоб зикр гардидааст, аз ҷумла, Авесто [Avestā], Абсол ва-л-мубассир [Absāl va-l-mubassir], Васиятнома [Vasiyatnāma] ва ғайра.

Гидронимия дар «Таърихи Бухоро» мавқеи хос дорад. Дар асар зимни омӯзиши маводи онимӣ 55 гидроним ба қайд гирифта шудааст. Қабати номҳои омехта бо назардошти ба қабати антропонимия, топонимия ва номи китобҳо мувофиқ набудан ба қабати алоҳида ҷудо карда шуда, теъдоди ин номҳо, мисли номи ҷангҳо, номи ҷирмҳои осмонӣ, номи қавму қабилаҳо, номи дин ва сураҳо камтар ба назар расиданашон зикр гардидааст.

**Боби дуюми диссертатсияи** Қурбонзода Рудобаи Исмоил **«Таҳлили луғавӣ-маъноӣ ва сохтории топонимия ва антропонимияи «Таърихи Бухоро»** ном дошта, аз 8 фасл иборат мебошад. Дар ин боб, асосан, асар аз лиҳози сохторӣ-калимасозии топонимия, калимаҳои хоси ойконимия, оронимия, дромонимия ва дигар мавзеъҳои ҷуғрофӣ, агоронимия, гидронимия, хусусиятҳои сохторӣ-калимасозии антропо- нимия, номҳои

ифтихорӣ ва лақабҳо таҳлилу баррасӣ гардидааст. Тавре диссертант қайд кардааст: «Таърихи Бухоро» дорои маводи ғании топонимӣ буда, аз лиҳози мавқеъ баъди қабати антропонимия мақоми дуюмро ишғол мекунад. Қабати луғавии маводи топонимии «Таърихи Бухоро» дар такя ба таҳқиқоти муҳаққиқони соҳа вобаста ба мавқеи ҷуғрофӣ ва ҷанбаҳои алоҳидаи он ба қабатҳои зерин тасниф намудааст: ойконимия (номи ҳама гуна нуқоти маскунӣ); агоронимия (номи майдон ва бозор); оронимия (номҳои мансуб ба кӯҳ, теппа, саҳро, дашт, дара, ағба, хамӣ, бузургиҳои кӯҳӣ ва ғ.); дромонимия (номи хоси ҳама гуна воситаи алоқа, монанди замин, об, зеризаминӣ, ҳавоӣ); спеолонимия (номи ғорҳо, вартаҳо, чоҳҳо, дарёҳои зеризаминӣ, дарёҳо, шаршараҳо, кӯлҳо); гидронимия (номи дилхоҳ мавзеи ба об алоқаманд)» (**диссертатсия, саҳ. 63**).

**Боби сеюми диссертатсияи мазкур «Вижагиҳои луғавӣ-маъноии қабати номҳои омехта дар «Таърихи Бухоро»»** ном дошта, аз чор фаслу чор зерфасл иборат аст. Баррасии диссертант зимни таҳқиқи боби мазкур инро дақиқ менамояд, ки маводи онимӣ ва луғати «Таърихи Бухоро» ҳамчун сарчашмаи арзишманду муътамад ҳангоми пажуҳиш ва коркарди масоили камомӯхта ва арзишманд зимни коркарди масъалаҳои камтаҳқиқи луғатшиносии форсӣ-тоҷикӣ ва арабӣ мусоидати амиқ карда метавонад.

**Хулосаҳо ва натиҷагириҳои диссертант** дар бахши «Хулоса»-и диссертатсия дар 20 банд оварда шудааст, ки аксари онҳо натиҷаи баррасиҳои пурвусъати ӯст ва муҳиммияти мавзуъро басо мувофиқ ҷамъбаст намудааст. Феҳристи адабиёти истифодашуда, агар аз як тараф, вусъати баррасии мавзуъро нишон диҳад, аз ҷониби дигар, баёнгари сатҳи баланди илмии ин диссертатсия мебошад. Масъалаву маърузаҳо ва суханрониҳои илмии диссертант дар конфронсҳои гуногуни илмӣ далели он аст, ки вай солҳои зиёд ба таҳқиқи масоили ономастикаи «Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ машғул шудааст.

Баробари комёбиҳо дар диссертатсияи тақризшаванда баъзе камбудиву норасоиҳо низ ба назар мерасанд, ки зикри онҳоро зарур ва ба манфиати кор меҳисобем:

1. Дар бобҳои диссертатсия, хосса бобҳои якум, дуюм ва сеюм мувозинат риоя нашудааст, яъне боби дуюми рисола нисбат ба бобҳои якум ва сеюми он васеътар омадааст, ки ин ба зиёд шудани ҳаҷми диссертатсия боис гаштааст.

2. Дар диссертатсия муҳаққиқ аз андешаҳои муҳаққиқони соҳа истинод оварда бошад ҳам, мулоҳизаҳои худи муҳаққиқ доир ба ин андешаҳо камтар ба назар мерасанд. Хуб мешуд, ки дар ин бобат андешаҳои худро фарохтар баён медошт.

3. Нишон додани номҳо дар шакли замима дар кори диссертатсионӣ ба ҳайси маводи асосии мавриди таҳқиқ мавқеи асосӣ ва муҳим доранд, лекин на дар ин шакле (70 саҳифа), ки дар ин кори диссертатсионӣ оварда шудааст. Ҳамчун саҳифаи алоҳида замима мегардид, ҳам саҳифаи диссертатсия ба талабот мувофиқ мешуд, ҳам ҳаҷми замима ба чашм намерасид.

4. Диссертант ҳангоми ном бурдани муҳаққиқони соҳа (саҳ. 8, 10, 12, 19, 137 ва ғ.) ба тартиби хронологӣ риоя накардааст. Тавсия дода мешавад, ки ин камбудӣ ҳангоми нашри монография ба таври ҳатмӣ ба инобат гирифта шавад.

5. Зерфасли якуми фасли дуюми боби якум «1.2.1. Таснифоти антропонимияи асар» дар ҷадвали №1 бо номи «Таснифоти антропонимия аз рӯйи дараҷа ва мақоми шахсиятҳо» (саҳ.37) гурӯҳбандӣ гардида, дар пажуҳишҳои номшиносӣ тарҷрибаи нав ба чашм расад ҳам, таҳлили маводи ин қисмати диссертатсия густурдатар баррасӣ мегардид, ба манфиати кор буд.

6. Дар кори диссертатсионӣ ғалатҳои услубӣ (саҳ. 23, 32, 122), ғалатҳои имлоӣ (саҳ. 7, 13, 18, 20, 68 ва ғ.) ва техникӣ (31, 50, 51, 123, 133)

ба чашм мерасанд, ки ислоҳи онҳоро ҳангоми нашри монография ҳатмӣ медонем.

Камбудиҳои зикргардида ҷузъӣ ва осонислоҳ буда, арзиши аслии таҳқиқи диссертатсияро кам намекунанд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб бо дараҷаи илмӣ.** Диссерататсияи Қурбонзода Рудобаи Исмоил «Ономастикаи «Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ (ҷанбаи сохторию маъноӣ) ба талаботи бандҳои 31, 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти рақами №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) сазовор мебошад.

Автореферати диссертатсия ва маводи интишорнамудаи муаллиф фарогири муҳтавои асосии диссертатсия буда, 4 номгӯйи он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

**Хулоса,** диссертатсияи Қурбонзода Рудобаи Исмоил бо муҳиммияти мавзуъ, навгониҳои илмӣ, арзиши назарию амалӣ ва умқу вусъати таҳқиқи масъалаҳои ба миён гузошташуда ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба пуррагӣ мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, № 267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақризи мазкур дар ҷаласаи васеи кафедраи забони тоҷикии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав», суратҷаласаи №8 аз 05.03.2025 тасдиқ гардидааст.

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 10 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 10 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

**РАИСИ ҶАЛАСА:**
номзади илмҳои филологӣ, мудири кафедраи забони тоҷикии МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»: Назаров Меҳрубон Ниёзмадович

**ЭКСПЕРТ**:
номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикии МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»: Саидов Ҷаббор Зубайдович

**Котиби илмии ҷаласа:**
номзади илмҳои филологӣ, омӯзгори кафедраи забони тоҷикии МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»: Раҳмонов Маҳмурод Бегмуратович

«Имзоҳои дотсентон М.Н. Назаров, Ҷ.З. Саидов ва М.Б. Раҳмоновро тасдиқ мекунам».

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»: Исозода Тоҷиддин Исо

**Суроғаи муассисаи пешбар:**
735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67.
Тел.: (+992 3322) 2-45-20, 2-22-53.
E-mail: btsu78@mail.ru
Сомонаи расмӣ: www.btsu.tj.
«05» марти соли 2025